Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014
назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Ш.Шоҳтемур

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Шарипов Иломжон Орифович дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор (дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)», аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ).**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 93 % - и ҳудуди онро кӯҳсорон ташикил медиҳанд, ба таҳлилу омӯзиш фаро гирифтани масъалаҳои вобаста ба истифодабарии замин ва об аҳамияти калон дорад. Рушди иқтисодиёти мамлакат зарурияти коркарди муносибатҳои навро ба замину об талаб мекунад. Диссертант дуруст қайд мекунад, ки новобаста аз таҷрибаи бисёрсолаи фаъолият дар самти самаранок истифодабарии захираҳои замин ва об, мутобиқ ба талаботи муносибатҳои бозорӣ принсипҳои ташкилии пешбурди хоҷагии об ва ҳамбастагии сохторҳои ташкилкунандаи он, хусусан кори обёрикунӣ таҷдиди назарро талаб менамоянд. Мутаассифона, дар даҳсолаҳои охир ҳаҷми маблағгузории асосии заминҳои обёришаванда ва нигоҳдории ташкилотҳои хоҷагии об мувофиқи мақсад нест. Дар айни замон, маблағҳои буҷетӣ барои нигоҳдории системаҳои обёрии мамлакат танҳо 25-27%-и талаботи воқеии соҳаро таъмин менамоянд, ки ин барои иҷрои чорабиниҳои азнавсозӣ ва таҷдид басанда нест. Ин ва дигар муаммоҳои мав боиси интихоби мавзӯи таҳқиқот гашта, арзиши илмӣ ва моҳияти амалӣ доштани онро тасдиқ менамояд.

Бе шакку шубҳа, мавзӯи тадқиқотӣ замонавӣ ва мубрам мебошад, зеро омӯзиши он барои ташаккул ва рушди иқтисоди бозаргонӣ масъалаи муҳим аст. Тадқиқоти мазкур барои таъмини низоми самарабахши бехатарии озуқаворӣи мамлакат мусоидат хоҳад кард.

Аз автореферат бармеояд, ки диссертатсия унсурҳои навоварӣ дошта, талаботи амалияро инъикос менамояд.

Диссертатсияро ҳамчун кӯшиши самаранок, дар асоси микдори зиёди маводи воқеӣ, усулҳои самарабохши таҳқиқот барои нишон додани имконияти истифодаи таҷрибаи ҷаҳонӣ дар ташаккули самаранок истифодабарии замину об, бо нишон додани хусусиятҳои рушди он дар минтақаҳои мушаххаси Ҷумҳурии Тоҷикистон, ноҳияҳо ва корхонаҳо метавон баррасӣ кард.

Таҳқиқот, бо назардошти тезисҳои Шарипов И. О. дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор" бешубҳа аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дорад ва муаллифи он худро як таҳқиқгари қобилиятнок ва касбии баркамол нишон додааст. Автореферат хусусияти назариявӣ дошта, таҳқиқоти аслӣ ва мустақилона мебошад. Сохтор ва мантиқи баён хеле асоснок ба назар расида, бо забони возеҳи илмӣ навишта шудааст.

Дар маҷмӯъ автореферати Шарипов И. О. ба талаботҳои муосире, ки нисбат ба корҳои диссертатсионӣ эълон мегардад, ҷавобгӯ мебошад.

Дар баробари муваффақиятҳо дар автреферат камбудиҳои ҷузъӣ низ ба назар мерасанд, ки баъзеи онҳоро номбар мекунем:

1. Дар автореферат баъзе камбудиҳои услуби ва таҳририӣ дида мешаванд.
2. Баъзе хулосаҳои муаллиф хислати умуминазариявӣ дошта, хуб мешуд он андешаҳо бо мисолҳо мушаххас тасдиқ карда мешуданд.
3. Дар навгониҳои илмии таҳқиқот омадааст, ки "... низоми тадбирҳо ҷиҳати истифодаи нисбатан сарфакоронаи захираҳои кӯҳӣ, байникӯҳӣ, иҷоравӣ, байниқабатии заминҳо таҳия карда шуда аст ...". Дар ин ҷо ҷиҳати истифодаи нисбатан сарфакоронаи захираи байниқабатии заминҳо чӣ дар назар дошта мешавад, нофаҳмо аст. Хуб мешуд ин масъала шарҳ дода мешуд.

Камбуди ва норасоиҳое, ки дар боло зикрашон рафт, моҳияти назариявӣ ва амалии диссертатсияи мазкурро кам намекунад.

Аз рӯи автореферат хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи Шарипов Иломжон Орифович дар мавзӯи «Самаранокии истифодабарии захираҳои замин ва об дар шароити бозор(дар асоси маводҳои вилояти Хатлон)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – “Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии муассисаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлок) ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияҳои номзади илм мувофиқи «Низомномаи намунавӣ оид ба шӯрои диссертатсионӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.11.2016, №505)» ҷавобгӯ буда, худи Шарипов Иломжон Орифович сазовори дараҷаи номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси номбаркардашуда мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ,
дотсенти кафедраи менеҷменти
Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ
ва хизмат Абдалимов А.

Сӯроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кучаи. Шевченко 109 «А», E-mail: maktub1955@inbox.ru

Имзои дотсент
А. Абдалимовро
тасдиқ менамоям.
Сар. раёсати кадрҳо
ва корҳои махсус
Ҷураев Ш.Н.
М.Ҷ.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС